## Раёсати молиявию баҳисобгирӣ

Раёсати молиявию баҳисобгирӣ дар фаъолияти худ Қонунҳои амалкунанда ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати мушовара, фармоиш ва фармонҳои Вазири рушди йктисод ва савдои Тоҷикистонро ба роҳбари мегирад.

Фаолияти худро раёсат аз таъмини сиёсати ягонаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, пешбурди баҳисобгирии молу мулк ва саҳеҳ вобаста ба амалиёти хоҷагидории Вазорат, корхонаҳо муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои зертобеъи худ ба роҳмонда, ҳамчунин бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дигар вазорату идораҳо ҳамкорӣ менамояд.

Раёсати молиявию баҳисобгирӣ дар асоси Низомнома вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

- баҳисобгигии муҳосибӣ – низоми ягонаи ҷаъмоварӣ , бақайдгирӣ, ҷаъмбасти иттилоот дар бораи молу мулк .дороиҳо уҳдадориҳо ва сармояи ташкилот .

- ҳисоби таркибӣ – баҳисобгирии маълумоти ҷаъмбастии баҳисобгирии муҳосибӣ оид ба молу мулк ,дороиҳо, уҳдадориҳо ва амалиёти хоҷагидорӣ аз рӯи нишонаҳои иқтисодӣ, ки дар таркибии баҳисобгирии муҳосибӣ нишон дода шудаанд.

- дар доираи салоҳияти худ назоратро аз болои субъектҳои хоҷагидорӣ новобаста аз шакли моликияташон, ки дар системаи вазорат амал мекунанд , таъмин менамояд.

- Таъмин намудани истифодабарии мақсаднок ва самараноки маблаѓҳои буҷетӣ тибқи «Дастурамали пешбурди ҳисобдорӣ ва ҳисоботи хазинадорӣ оид ба таъмини иҷрои буҷети давлатӣ» аз тарафи Раёсат ба Вазорати молия сметаи даромаду хароҷот ва басти вазифаҳои кормандони Вазорат барои мувофиқа ва тасдиқ пешниҳод менамояд.

- Назорати доимӣ аз болои кормандони ҳисобдорӣ ва ҳисобдорони корхонаҳои тобеъ оиди иҷрои қарорҳои мақомоти болоӣ:

- Гузаронидани таҳлили ҳисобӣ бо таҳвилгарон, харидорон, дебиторон ва кредиторон, ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми харид ва фурӯши мол.

-Баҳисобгирии молу мулк , дороиҳо ва уҳдадориҳо ва сари вақт баҳисобгирии муҳосибӣ ва сабти он .

-Тартиб ва сари вақт пешниҳод кардани ҳисоботҳои муҳосибӣ, нигоҳдории ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ ва нигоҳ доштани сирри ҳисоботҳои муҳосибӣ